# ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «29» 09 соли 2020 №106

Дар бораи Дастурҳои методӣ «Оид ба таҳияи шарҳи иҷрои нимсолаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба таҳия ва ҷойгиркунии буҷети шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Бо мақсади баланд бардоштани шаффофият ва таъмини дастрасии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумотҳои буҷетӣ дар асоси моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва банди 12 Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015 №187 тасдиқ гардидааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурҳои методӣ «Оид ба таҳияи шарҳи иҷрои нимсолаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тибқи замимаи 1 ва «Оид ба таҳия ва ҷойгиркунии буҷети шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тибқи замимаи 2 тасдиқ карда шаванд.

2. Сарраёсатҳо, раёсатҳо ва шуъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорат, сарраёсат ва раёсатҳои молияи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шаванд, ки вобаста ба таҳияи ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатӣ, буҷети шаҳрвандӣ ва ҷойгир намудани онҳо дар сомонаҳои дахлдор барои дастрасии кушод тибқи мӯҳлатҳои дар дастурҳои методӣ муайянгардида, чораҷӯӣ намуда, иҷрои онро таъмин намоянд.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якум ва муовинони вазир вогузор карда шавад.

Вазир Ф. Қаҳҳорзода

Замимаи №2
ба фармоиши Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» сентябри соли 2020, №106

# Дастури методӣ
# оид ба таҳия ва ҷойгиркунии буҷети шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқаддима**

Фасли I. Муқаррароти умумӣ........................................................................ 4

Фасли II. Сохтор ва таркиби буҷети шаҳрвандӣ................................................. 5

Боби I. Буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи маълумотҳои ҷамъбастии Буҷети давлатӣ ........................................................................................................................ 6

§1. Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои иҷтимоию - демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон ............................................................... 6

§2. Самтҳои асосии сиёсати буҷетӣ ...................................................................... 6

§3. Даромадҳои Буҷети давлатӣ ........................................................................... 7

§4. Хароҷоти Буҷети давлатӣ................................................................................ 7

§5. Маълумот аз ҳисобот оид ба иҷроиши буҷет.................................................. 9

§6. Қарзи давлатӣ ................................................................................................ 10

§7. Буҷетикунонии гендерӣ.................................................................................. 10

Боби II. Буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ ................................ 12

Боби III. Буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи буҷетҳои маҳаллӣ ................................ 12

§1.Нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодию - иҷтимоии вилоят/ноҳия .... 13

§2. Даромад ва хароҷоти буҷети вилоятӣ, шаҳр ва ноҳияҳои тобеи вилоятӣ, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳр ва ноҳияҳои тебеи ҷумҳурӣ .................. 13

§3. Маълумотҳо аз ҳисобот оид ба иҷроиши буҷет............................................ 15

§4. Гаронии сарбории қарзи давлатӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ................................ 16

Фасли III. Тартиби таҳия ва нашри буҷети шаҳрванд....................................... 16

Фасли IV. Ташкили мониторинг ва таҷрибаҳои пешрафтаи паҳн намудани буҷети шаҳрвандӣ ............................................................................................. 18

## Фасли I. Муқаррароти умумӣ

1. Методологияи таҳия ва ҷойгиркунии буҷети шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – методология) сохтор, мундариҷаи қисмҳои асосӣ, тартиб ва мӯҳлати таҳия ва нашри буҷети шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шакли фаҳмо ва дастрас барои шаҳрвандон (минбаъд - буҷети шаҳрвандӣ) муайян менамояд.

2. Буҷети шаҳрвандӣ ҳуҷҷатест, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии сатҳи дахлдор (ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ) бо мақсади пешниҳоди маълумоти мухтасар ва дақиқ дар бораи ташаккул, тақсимот ва истифодабарии маблағҳои буҷетӣ барои давраи муайяни соли молиявӣ таҳия карда мешавад.

3. Буҷети шаҳрвандӣ, ки дар асоси методологияи мазкур таҳия карда шудааст, ба баланд бардоштани шаффофияти ҷараёни буҷетӣ ва дастрасии маълумоти асосии буҷетӣ тавассути шинос намудани шаҳрвандон ба самтҳои асосии Буҷети давлатӣ мусоидат менамояд. Аз ҷумла, шаҳрвандон бо вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати буҷетӣ, манбаъҳои даромад ва асоснокии хароҷоти буҷет, инчунин бо натиҷаҳои ба нақша гирифташуда ва ба даст овардашуда аз истифодаи маблағҳои буҷетӣ шинос карда мешаванд.

4. Буҷети шаҳрвандӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар асоси **Қонуни тасдиқгардидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявӣ»** таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

5. Методологияи мазкур ҳуҷҷати роҳнамо буда, вобаста ба зарурат ва ворид гардидани тағйирот дар сохтори молияи давлатӣ ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, метавонад дигаргун карда шавад.

6. Буҷети шаҳрвандӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии зерин таҳия ва тасдиқ карда мешавад:

- **дар сатҳи ҷумҳуриявӣ** (аз ҷумла дар сатҳи маълумоти ҷамъбастии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон) - мақомоти ваколатдори марказӣ оид ба банақшагирӣ/таҳияи буҷет, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- **дар сатҳи маҳаллӣ -** мақоми ваколатдори маҳаллӣ оид ба банақшагирӣ/таҳияи буҷет дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи вилоят, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ.

7. Буҷети шаҳрвандӣ дар асоси қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ, аз ҷумла дар сурати ворид шудани тағйирот ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонад аз нав бозбинӣ шавад.

8. Ҳангоми таҳия ва нашри буҷаи шаҳрвандӣ истифодаи принсипҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон[1], тавсия дода мешавад, аз ҷумла:

---

[1] Закон Республики Таджикистан от 09.06.2011 г. №178 (ред. от 17.05.2018 г.) «О государственных финансах Республики Таджикистан» // ГИУП КОНУНИЯТ.

- **эътимоднокӣ-** зарурати ба буҷети шаҳрвандӣ ворид намудани маълумоти расмӣ дар бораи нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин маълумот дар бораи самтҳои афзалиятноки сиёсати буҷет, сарчашмаҳои даромад ва асоснокии хароҷоти буҷет, натиҷаҳои банақшагирифташуда ва ба даст овардашудаи маблағҳои буҷетӣ дар назар дошта мешавад.

- **ошкорбаёнӣ** - дастрасии шаҳрвандон ба маълумоти буҷет, ба истиснои маълумоти махфӣ, ки сирри давлатӣ мебошад ва инчунин дастрас будани ҳатмии ҷараёни буҷет ба шумораи зиёди шаҳрвандон ва васоити ахбори омма дар назар дошта мешавад.

Дар баробари ин, принсипҳои зеринро роҳандозӣ менамояд:

- **кифоягӣ** -маънои онро дорад, ки буҷети шаҳрвандӣ бояд маълумоти пурраро барои ташаккули фаҳмиши шаҳрвандон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошад, ки зарурати истифода намудани адабиёти иловагиро дар ин самт бартараф мекунад.

- **фаҳмо будан** -маънои дуруст дарк намудани истилоҳҳои махсусро, аз ҷумла намунаҳои истифодаи амалиро дар бар мегирад.

- **аҳамиятнокӣ-** маънои такмил додани маълумотҳоеро дар буҷети шаҳрвандӣ дорад, ки онҳо бояд ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назардошти тағйиротҳо мувофиқат намояд.

- **саривақтӣ** -маънои таъмини саривақт нашр кардани буҷети шаҳрвандӣ дар сомонаи расмии мақомоти ваколатдор оид ба таҳияи буҷети шаҳрвандӣ, инчунин дар васоити ахбори умум ҷойгир кардани буҷети шаҳрвандиро дорад.

## Фасли II. Сохтор ва таркиби буҷети шаҳрвандӣ

9. Тавсия дода мешавад, ки дар буҷети шаҳрвандӣ маълумоти зерин, ки характери умумӣ доранд, дохил карда шавад:

- **луғати истилоҳоти махсусе,** ки дар ҷараёни буҷет истифода мешаванд, ба монанди буҷет, даромадҳо ва хароҷоти буҷет, трансфертҳои байнибуҷетӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ, қарзи давлатӣ, каср / профитсити буҷет, тавозуни буҷет, буҷети гендерӣ, фазои фискалӣ ва дигар истилоҳот ва мафҳумҳо бо назардошти шарҳ ва тафсири онҳо, мисли:
- **шарҳи** сохторӣ - маъмурию ҳудудии мақоми ваколатдори давлатӣ.
- **мавқеъ** дар рейтинги шаффофияти буҷет.
- **андешаҳои шаҳрвандон** дар бораи иттилооти афзалиятнок барои онҳо, ки дар доираи буҷети шаҳрвандӣ пешбинӣ мегардад, инчунин маълумот дар бораи сохтори таркибии буҷети шаҳрвандӣ нашршуда бо мақсади муайян намудани дараҷаи кофӣ ва фаҳмо будани ин маълумот дар натиҷаи гузаронидани пурсишҳо.

## Боби I. Буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи маълумотҳои ҷамъбастии Буҷети давлатӣ

10. Буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи Буҷети давлатӣ бо назардошти фаслҳои зерин таҳия карда мешавад (барои боз ҳам фаҳмо пешниҳод намудани маълумоти зерин истифодаи воситаҳои гуногуни визуализатсияи маълумот зарур мебошад):

### §1. Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои иҷтимоию - демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон

11. Маълумотро дар бораи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаҳои воқеӣ дар соли ҳисоботӣ, нишондиҳандаҳои дурнамо барои соли ҷорӣ ва ду соли минбаъдаи молиявӣ, ки сиёсати хароҷотҳои буҷети давлатӣ, дурнамои маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ, меъёри таваррум, қурби миёнаи солонаи сомонӣ нисбати доллари ИМА ва гардиши савдои хориҷиро дар бар мегирад.

12. Дар ин фасл инчунин нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию демографӣ, ба монанди андозаи ҳадди аққали зиндагӣ, нишондиҳанда барои ҳисобҳо, андозаи ҳадди аққал ва ҳадди миёнаи музди меҳнат, андозаи стипендия ва кӯмакпулиҳо, ҳадди аққал ва миёнаи нафақа, сатҳи бекорӣ ва таваллуди аҳолӣ пешбинӣ мегарданд.

### §2. Самтҳои асосии сиёсати буҷетӣ

13. Фасли мазкур маълумот дар бораи самтҳои асосии сиёсати буҷетӣ, ки дар Паёми ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мешавад, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз мулоқот бо шаҳрвандон, стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ, инчунин фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳодҳои вакилони Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

14. Ин фасл инчунин раванди буҷет, марҳилаҳои ташаккули буҷети давлатӣ, иштирокчиён ва мӯҳлати тасдиқи онро тавсиф мекунад. Ғайр аз он, афзалиятҳои буҷетии соҳаҳо, ки ҳангоми таҳияи буҷет ба назар гирифта мешаванд ва инчунин маблағҳо барои маблағгузории афзалиятҳои нави буҷетӣ, ба ибораи дигар, дар бораи фосилаи фискалӣ маълумот пешниҳод менамояд.

15. **Фосилаи фискалӣ**- қисми маблағҳои буҷети давлатӣ мебошад, ки барои маблағгузории афзалиятҳои буҷетии соҳаҳо барои давраи миёнамӯҳлат равона карда мешавад. Фосилаи фискалӣ дар сатҳи буҷети давлатӣ ҳисоб карда мешавад ва бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$\text{ФФ} = \text{К} + \text{ҲУД} - \text{ББ} - \text{З},$$

( ФФ – микёси фискалӣ, К – касри буҷет, **ХУД** – Ҳаҷми умумии даромад, ББ – буҷети базавӣ, З – Захираҳо (Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фонди пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон).

## §3. Даромадҳои Буҷети давлатӣ

16. Дар ин қисм маълумот дар бораи даромадҳои ба нақша гирифтаи буҷети давлатӣ барои соли ҷорӣ ва ду соли минбаъдаи молиявӣ дар муқоиса бо солҳои гузашта пешбинӣ мегардад. Дар даромади умумии буҷети давлатӣ маълумот оид ба даромадҳои ҷорӣ, грантҳо барои дастгирии буҷет, қарзҳо ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ инъикос карда мешавад.

17. Илова бар ин, ҳиссаи андозҳоро (масалан, андоз аз даромад, андоз аз арзиши иловашуда, пардохтҳои гумрукӣ, аксизҳо, андозҳо барои истифодаи захираҳои табиӣ ва дигар захираҳо) дар ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ ба таври алоҳида таҳлил кардан лозим аст.

## §4. Хароҷоти Буҷети давлатӣ

18. Дар бахши мазкур маълумот дар бораи хароҷоти буҷети давлатӣ дар самтҳои афзалиятноки соли ҷорӣ ва ду соли молиявии минбаъдаи банақшагирӣ дар муқоиса бо солҳои гузашта нишон дода мешавад. Ҳангоми таҳлил ҳамаи хароҷоти буҷети давлатӣ ба хароҷоти ҷорӣ ва капиталӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

19. Хароҷоти ҷорӣ як қисми хароҷоти буҷет мебошад, ки барои фаъолияти ҷории мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои буҷетӣ ва дастгирии давлат ба дигар сатҳҳои буҷетҳо (аз ҷумла ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ) пешбинӣ шудааст. **Ҳангоми тавсиф кардани хароҷоти ҷорӣ бояд ба пешбинӣ гардидани маблағҳо ба аҳолӣ, масалан, ба пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳо, стипендия ва ҷубронпулиҳое, ки бевосита барои қонеъ кардани табобати онҳо равона карда мешаванд, диққати махсус дод.** Хароҷоти капиталӣ (асосӣ) бошанд, як қисми хароҷоти буҷет мебошанд, ки рушди иншоотҳои мавҷуда аз қабили азнавсозӣ, сохтмони иншооти нав, ба монанди роҳҳо, иншоотҳои соҳаи маориф ва тандурустӣ, қубурҳои газ, хоҷагии манзилӣ, биноҳои маъмурӣ ва хариди таҷҳизоту нақлиётро дар бар мегирад. Бо ибораи дигар, **хароҷоти капиталӣ ин як ҳиссаи захираҳои молиявие аст, ки ба барномаҳо ва лоиҳаҳои мухталиф, фаъолиятҳои илмӣ ва дороиҳо барои рушди инфрасохтори иҷтимоию иқтисодии кишвар равона шуда, ба манфиати ҷомеа барои давраи дарозмуҳлат пешбинӣ гардидааст.** Бояд қайд кард, ки ҳангоми таҳлили хароҷоти умумии буҷети давлатӣ ҳамаи манбаъҳои ташаккул, аз ҷумла маблағҳои буҷетӣ, маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ, грантҳо ва қарзҳо ба назар гирифта мешаванд. Ғайр аз ин, ҳангоми таҳлили хароҷоти буҷети давлатӣ аз рӯи соҳаҳо бояд тамоми ҳаҷми маблағгузорӣ мутобиқи ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаҳо таҳлил карда шавад,

инчунин ҳангоми таҳлил бояд гурӯҳбандиҳои хароҷоти буҷетӣ (вазифавӣ, иқтисодӣ, идоравӣ, барномавӣ ва гурӯҳбандӣ аз рӯи манбаъҳои маблағгузорӣ) истифода карда шавад.

20. Ҳангоми тавсифи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷет, ки ба соҳаҳои иҷтимоӣ равона мешаванд, бояд дар хотир дошт, ки самти муҳими он татбиқи ҳадафҳое мебошад, ки қаблан қабул гардида, барои баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандон равона шудаанд. Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки диққати махсус ба он фаъолиятҳое дода шавад, ки давомнокии ҳаёти солими аҳолиро баланд мебардоранд, дастгирии иҷтимоии беҳтаршавӣ ва офиятбахшии маъюбон ва рӯҳан афсурдагонро фароҳам оварда, барои таҳсилоти хушсифати тамоми одамон, аз ҷумла маъюбон шароити зарурӣ фароҳам меоварад. Аммо ҳангоми муайян намудани ҳаҷми хароҷоти буҷет (ҳам дар соҳаи иҷтимоӣ ва ҳам дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт) набояд фаромӯш кард, ки афзалиятҳои буҷетии соҳаҳо барои ҳар як марҳилаи буҷетӣ барои давраи мушаххаси вақт муайян карда шудаанд, аз ин лиҳоз баъзеи онҳо ҳамчун намуна пешниҳод карда мешаванд.

21. Дар соҳаи **тандурустӣ** бештар ба чунин хароҷот, масалан, хароҷот барои таъмини кафолатҳои кӯмаки ройгони тиббӣ, сохтмон ва барқарорсозии иншоотҳои тиббӣ, инчунин хариди дастгоҳҳои тиббӣ ва доруворӣ диққати махсус дода мешавад.

22. Дар соҳаи **маориф**, маълумот дар бораи хароҷоти буҷет барои сохтмон ва таҷдиди шаклҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ, ба монанди кӯдакистонҳо, мактабҳо, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, тарбияи мутахассисони дорои маълумоти олӣ, таълиму тарбияи томактабӣ, таъмини дастгирии иҷтимоии донишҷӯён дар доираи фармоиши давлатии таълимӣ.

23. Дар **соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ** ба ғайр аз маълумот дар бораи хароҷоти маблағҳои буҷетӣ барои дастгирии иҷтимоӣ (бинобар беморӣ, маъюбӣ, пиронсолӣ, аз даст додани саробон, бекорӣ, инчунин пардохтҳои ҳармоҳаи пулӣ ба категорияи алоҳидаи шаҳрвандон) инчунин тавсия дода мешавад, ки масалан, дар бораи барномаҳо ва лоиҳаҳое, ки ба ташкили системаи нигоҳубини дарозмуддати пиронсолон ва маъюбон тавассути пешниҳоди хидматҳои мутавозини иҷтимоӣ ва хизматрасонии тиббӣ дар хона, дар ҳолати қисман дар беморхона ва дар беморхона будан бо иштироки парасторон ва ҳамшираҳои шафқат пешбинӣ карда мешавад.

24. Дар **соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ** самтҳои афзалиятноки хароҷоти маблағҳои буҷетиеро нишон додан зарур аст, ки дар ин соҳаҳо барои чорабиниҳои мушаххас дар соли ҷорӣ ва ду соли минбаъдаи молиявӣ пешбинӣ гардидаанд.

25. Маълумот дар бораи хароҷоти буҷети давлатӣ барои лоиҳаҳо ва барномаҳои дар **соҳаи таъмини об** нигаронида шуда, ба баланд бардоштани сифати оби нӯшокӣ барои аҳолӣ, аз ҷумла барои сокинони нуқтаҳои аҳолинишини дорои системаҳои муосири мутамаркази обтаъминкунӣ, пешбинӣ карда мешавад.

26. Инчунин дар бораи хароҷоти буҷети давлатӣ барои таъминоти **инфрасохтори энергетикӣ ва нақлиётӣ,** хоҷагии манзилию коммуналӣ барои ҳар як сохтори маъмурию ҳудудӣ дар алоҳидагӣ иттилоъ дода мешавад. Маълумот дар бораи трансфертҳои ҷудошуда бо назардошти тақсимоти ҳудудӣ ва самтҳои калидии он дар соли молиявӣ ва ду соли минбаъдаи он бо дарназардошти динамикаи тағирёбии онҳо нисбат ба солҳои гузашта таҳлил карда мешавад.

## §5. Маълумот аз ҳисобот оид ба иҷроиши буҷет

27. Қисми мазкур маълумоти мушаххасро оид ба иҷрои ҳадафҳо ва вазифаҳои мушаххас дар бар мегирад, ки бо дарназардошти иҷрои натиҷаҳои муҳимтарини дар барномаҳои буҷетӣ пешбинӣ гардидаанд. Ҳангоми навиштани ин бахш, ҳамаи нишондиҳандаҳои дар қисматҳои қаблӣ номбаршударо ба назар гирифта, маълумотро дар бораи даромадҳо ва хароҷоти буҷет ва натиҷаҳои воқеан ба даст омада муқоиса карда, сабабҳои иҷро накардани онҳо, агар вуҷуд дошта бошад, тавсиф карда мешавад. Ғайр аз он, дар бораи натиҷаҳои дар доираи барномаҳои давлатӣ ва соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳам дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва воқеии иқтисодиёт) ба даст омада, шарҳи мухтасар дода мешавад.

28. **Пешниҳоди маълумот дар бораи натиҷаҳои ба даст овардаи барномаҳои гуногун муҳим арзёбӣ мегардад, зеро онҳо бояд аз нуқтаи назари манфиатҳои шаҳрвандон пешниҳод карда шаванд, на аз ниҳодҳои давлатӣ**. Ҳангоми тавсиф кардани натиҷаи бевоситаи барномаҳои буҷетӣ (нишондиҳандаи ҳисобшаванда, ки бояд фавран аз ҳисоби истифодаи маблағҳои буҷетӣ ба даст оварда шавад), масалан, дар бораи “шумораи лабораторияҳои сайёри мобилӣ, афзоиши роҳҳои асфалтпӯш, шумораи кормандони соҳаи тибие, ки аз курсҳои тайёрӣ гузаштаанд, ҳиссаи заноне, ки ба фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна машғул мебошанд ва ғайра маълумот дода мешавад.

29. Барои тавсиф кардани натиҷаи ниҳоии барномаҳои буҷетӣ (миқдоран чен кардани  сатҳи ноил гардидан ба ҳадафи нақшаи стратегӣ, барномаи рушди минтақа ва / ё барномаи буҷетӣ, ки ба вазъи иҷтимоӣ таъсир мерасонад), масалан, "афзоиши ҳиссаи таъминшавии аҳолӣ бо лабораторияҳои сайёр, кам кардани садамаҳои нақлиётӣ, кам шудани шумораи беморон, ки такроран ба муассисаҳои тиббӣ муроҷиат мекунанд, баланд бардоштани нақши иқтисодии занҳо дар ҷомеа ва иштироки занони соҳибкор дар барномаҳои давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ ва ғайра", вобаста ба талаботи шаҳрвандон, тавсияҳои аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои санҷиш дар соли ҳисоботии молиявӣ додашударо, пешниҳод кардан мумкин аст.

## §6. Қарзи давлатӣ

30. Маълумот дар бораи қарзи берунаи номиналии давлатӣ, қарзи дохилии давлатӣ, инчунин таносуби қарзи берунаи давлатӣ нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва хизматрасонии қарзи давлатиро инъикос мекунад. Тавсия дода мешавад, ки сатҳи гаронии қарзро ба буҷети мақоми ваколатдори давлатӣ, аз рӯи сохтори таркибии ӯҳдадориҳои қарзӣ таҳлил намуда, нишон диҳанд. Бо дарназардошти он, ки сабаби асосии ба вуҷуд омадани касри буҷет қарзи давлатӣ мебошад, тавсия дода мешавад, ки манбаъҳои маблағгузории касри буҷет дар алоҳидагӣ таҳлил карда шавад.

## §7. Буҷетикунонии гендерӣ

31. Бояд қайд намуд, ки самти асосии фаъолият оид ба таъмини имкониятҳои баробар ва паст кардани нобаробарии иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани буҷетикунонии гендерӣ дар раванди буҷет мебошад[2], ки тӯли солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаффофият ва ҳисоботдиҳии буҷет ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи пешбурди ислоҳот дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ диққати махсус зоҳир намуда истодааст. Аз ин рӯ, тақсимоти гендерии буҷет имкон медиҳад, ки то чӣ андоза даромад ва хароҷоти он, талаботи занон ва ҳам мардонро дар категорияҳои гуногуни иҷтимоӣ ва синну сол қонеъ мегардонад ва ба ин васила шаффофият ва ҳисоботдиҳии даромад ва хароҷот афзоиш ёфта, ба ноил шудан ба баробарии гендерии ҷомеа мусоидат менамояд.

32. Ҳангоми пешниҳоди маълумот аз рӯи таснифоти гендерӣ бояд дар назар дошт, ки ҳадафи буҷети гендерӣ муқоисаи шумораи занон ва мардон дар хизмати давлатӣ ё шумораи занони мансабдор, андозаи музди меҳнати онҳо, инчунин ба ҳисоб гирифтани корхонаҳое, ки ба занҳо тааллуқ дорад ва ё занҳое, ки барои хариди давлатӣ шартномаҳои давлатӣ ба имзо расонидаанд ва муносибати ҳамаҷонибаи гендериро дар соҳаи буҷет истифода мебаранд намебошад, балки маҳз бо фарогирии ҷузъиёт ва механизми гендерии буҷет дар ҳамаи соҳаҳои сиёсат ва дар ҳама сатҳҳои буҷет дар назар дошта мешавад.[3].

33. Ҳамин тариқ, барои пешниҳод намудани маълумот аз рӯи тақсимоти гендерӣ, бояд механизми мукаммал намудаи танзими гендерии (фарогирии соҳаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва инчунин ворид намудани нишондиҳандаҳои гендерӣ дар идоракунӣ, аз ҷумла барномаҳо, лоиҳаҳо, нақшаҳо, баҳогузории фаъолияти тамоми вазорату идораҳо), буҷет, ки

---

[2] Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.12. 2016с. №636 ва аз 28.12. 2016 с. №678 «Оид ба тасдиқи Стратегияи рушди милии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Оид ба тасдиқи Барномаи рушди миёнамӯҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» // ГИУП КОНУНИЯТ.

[3] Гендерное бюджетирование и репродуктивные права женщин: подборка материалов. Фонд ООН в области народонаселения и Фонд развития женщин ООН. Нью Йорк: UNFPA и UNIFEM, 2006.

фарогири  принсипҳои шаффофият ва дастгирии қонунгузорӣ дар шакли қабули қонунҳои дахлдор, ба монанди қонун дар бораи ҳамроҳ кардани экспертизаи гендерӣ дар қабули қарорҳо дар ҳама сатҳҳо, стандартҳои иҷтимоӣ ва стандартҳои молиявӣ мебошанд, бо дарназардошти ҷавобгӯй будан бо унсури гендерӣ  дар назар дошта мешавад.

34. Дар дигар ҳолатҳо тавсия дода мешавад, ки таҳлили буҷет бо  такя намудан ба бахшҳо, ки ҳар кадоми онҳо дорои нишондодҳо / нишондиҳандаҳои алоҳидаи он мебошанд (таҳлили хароҷоти буҷет бо назардошти оқибатҳои иҷтимоии онҳо ба мардон ва занон, таҳлили даромад ва пардохтҳои гуногун, ки барои гурӯҳи муайяни мардон ва занон пешбинӣ шудаанд) ва таҳлили сиёсати амалкунанда бо  таваҷҷуҳ ба элементҳои гендерӣ пешбинӣ карда шавад.[4].

35. Бояд дар назар дошт, ки айни замон дар омода намудани тамоми маълумот аз рӯи буҷети гендерӣ эҳтимол аст, ки мушкилӣ пайдо шавад, чунки дар сохтори он, ба истиснои нишондиҳандаи ба ном «занон», ба монанди кӯмакпулӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, кӯмакпулӣ барои нигоҳубини кӯдак ва дигар пардохтҳо барои модарон, дар буҷет маълумоти дигареро дидан душвор хоҳад буд. Аз ин рӯ, бо назардошти он ки хусусияти асосии буҷети гендерӣ ин нишондиҳандаҳои асосии он мебошад,  дастрас намудани маълумоте ба тариқи ғайримустақим  зарур аст, ки фоизи ҳавасмандӣ ва ҷалби занонро дар ин ё он соҳа, ки тавассути буҷет ба танзим дароварда мешаванд,  нишон медиҳанд

36. Бо ин мақсад истифода намудани системаи ченкунии мавҷудаи нишондиҳандаҳои гендерӣ тавсия дода мешавад, ки тибқи он хароҷотҳои буҷетӣ барои хизматрасонии иҷтимоии давлатӣ ва минбаъд барои мониторинги буҷети гендерӣ гурӯҳбандӣ карда шавад, масалан онҳоро метавон бо чунин тарз  гурӯҳбандӣ намоем[5]:

а. Нишондиҳандаҳои мустақими иҷтимоӣ, ки дар буҷет тасдиқ шудаанд (хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ, болоравии тарифҳои соҳаҳои буҷетӣ, болоравии тарифҳои нерӯи барқ, хизматрасониҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ, нақлиёт ва ғайра).
б. Нишондиҳандаҳои мустақими иҷтимоӣ дар дурнамоиҳои рушди иҷтимоию иқтисодии соли молиявӣ (музди миёнаи меҳнат аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт, нафақаи миёна, шумораи бекорон ва бекорони ба қайд гирифташуда, давомнокии умр аз рӯи ҷинс ва ғайра).
в. Нишондиҳандаҳои ҳассоснокии хароҷоти буҷети гендерӣ вобаста ба даромадҳои аҳолӣ (таносуби ҳадди аққали музди меҳнат ба андозаи

[4] Фофанова К.В. Гендерный бюджетный анализ: подходы и практика // Журнал исследования социальной политики. 2006. № 4(3). С. 381-396.

[5] Ржаницина Л. С. Методология гендерного бюджета: (основные положения с учетом реформ управления в Российской Федерации) // О перераспределении полномочий по уровням власти: обсуждение проекта ЮНИФЕМ «Гендерные бюджеты в России» — 2005. URL: http://www.owl.ru/rights/discussion2004/methodology.htm

ҳадди аққали зиндагӣ, афзоиши нафақа, кумакпулиҳо ва пардохтҳои яквақта ба занон ва ғайра).

г. Нишондиҳандаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, занон ва кӯдакон дар доираи умумии моддаҳои хароҷотии буҷет (пардохтҳои ҷубронпулӣ ба нафақахӯрон ва кӯдакон бар ивази имтиёзҳои моддӣ, хадамоти ройгон ва имтиёзнок барои ҳифзи модар ва кӯдак, рушди муассисаҳои иҷтимоӣ, чораҳои иҷтимоӣ барои аҳолӣ аз рӯи минтақаҳо ва ғайра) .

д. Нишондиҳандаҳои баробарии гендерӣ (таносуби музди меҳнати мардон ва занон, маблағҳои буҷетӣ вобаста ба пешгирии бекорӣ, хароҷоти буҷет барои таҳсилоти касбӣ (ибтидоӣ, миёнаи олӣ, бо фоизи занон дар муассисаҳои таълимӣ), барномаи дастгирии соҳибкории хурд, фоизи занҳои соҳибкор, фоизи занҳо дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ, бо нишон додани роҳбарони сатҳи болоӣ ва ғайра).

е. Барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ барои занон ва кӯдакон (оид ба паст кардани сатҳи фавти кӯдакон ва модарон, чораҳо барои ятимон, кӯдакони имконияташон маҳдуд, бесаробон ва дигар барномаҳои ба ҳифзи иҷтимоӣ нигаронидашуда).

ж. Стандартҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳои молиявӣ, ки аз рӯи ҷинс ва синну сол фарқ мекунанд (дар соҳаи хизматрасонии давлатӣ).

## Боби II. Буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ

37. Буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ аз рӯи бахшҳои дар банди зер овардашуда ташаккул меёбад.

38. Маълумотро дар бораи даромад ва хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ дар соли ҷорӣ ва ду соли минбаъдаи молиявии ба нақша гирифташуда, дар муқоиса бо солҳои қаблӣ, бо назардошти муносибатҳои байнибуҷетӣ дар бар мегирад. Дар даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ маълумот дар бораи даромадҳои андозӣ (андоз аз даромад, андоз аз арзиши иловашуда, пардохтҳои гумрукӣ, аксизҳо, андозҳо барои истифодаи захираҳои табиӣ ва ғайраҳо); даромадҳои ғайриандозӣ (даромадҳо аз моликияти ҷумҳуриявӣ, ҷаримаҳо, санксияҳо), трансфертҳо (трансфертҳо ба буҷетҳои вилоятӣ, буҷетҳои шаҳрҳо ва ноҳияҳо, пойтахт ва ғайра) инъикос карда мешавад. Дар қисми хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, хароҷот барои самтҳои афзалиятноки соли ҷорӣ ва ду соли минбаъдаи молиявӣ дар муқоиса бо солҳои қаблӣ, масалан, сохтмони иншооти муҳими иҷтимоӣ, татбиқи барномаҳои муҳими ҳифзи иҷтимоӣ, маблағгузориҳои соҳаи саноат ва истеҳсолот таҳлил карда мешавад.

## Боби III. Буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи буҷетҳои маҳаллӣ

39. Буҷетҳои шаҳрвандӣ дар сатҳи вилояти Суғд, вилояти Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Душанбе, инчунин шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриявӣ алоҳида таҳия карда мешаванд. Буҷети

шаҳрвандӣ аз рӯи шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи вилоят, инчунин ноҳияҳои шаҳри Душанбе дар алоҳидагӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси буҷетҳои худ таҳия карда мешаванд.

40. Буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи маҳал аз рӯи зерсохторҳои зерин ташаккул меёбанд (барои пешниҳод намудани маълумоти дар поён омада, истифодаи воситаҳои гуногуни визуализатсияи маълумот зарур мебошад):

### §1.Нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодию - иҷтимоии вилоят/ноҳия

41. Маълумотро дар бораи нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи вилоят, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои воқеӣ дар соли ҳисоботӣ ва нишондиҳандаҳои ба нақша гирифташудаи соли ҷорӣ бо дарназардошти ду соли минбаъдаи молиявӣ, ки дар бораи сиёсати хароҷотҳои буҷетӣ маълумоти умумӣ медиҳанд, инчунин сатҳи дурнамои маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар муқоиса бо солҳои гузашта пешниҳод менамояд.

Ин фасл, инчунин нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию демографӣ, ба монанди нишондиҳанда барои ҳисобҳо, андозаи музди меҳнати ҳадди аққал ва миёнаи меҳнат, андозаи идрорпулӣ ва кӯмакпулӣ ва инчунин андозаи ҳадди ақали нафақаҳоро дар бар мегирад.

### §2. Даромад ва хароҷоти буҷети вилоятӣ, шаҳр ва ноҳияҳои тобеи вилоятӣ, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

42. Дар ин фасл маълумот дар бораи даромад ва хароҷоти ба нақша гирифтаи буҷетҳои вилоятӣ (инчунин шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи вилоят, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) барои соли ҷорӣ ва ду соли минбаъдаи молиявӣ дар муқоиса бо солҳои гузашта, бо назардошти муносибатҳои байнибуҷетӣ оварда мешавад.

43. Дар даромадҳои буҷети вилоятӣ (инчунин шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи вилоят, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) маълумотро дар бораи воридоти андозҳо (андози даромад, андози иҷтимоӣ, андоз аз истифодаи захираҳои табиӣ ва дигар захираҳо); даромадҳои ғайриандозӣ (даромадҳо аз амволи мақомоти маҳаллӣ, даромадҳо аз фурӯши воситаҳои асосӣ, ҷаримаҳо, муҷозот) инъикос менамоянд; трансфертҳо (трансфертҳо аз буҷети ҷумҳуриявӣ / вилоятӣ ва ғайра) пешбинӣ карда мешаванд.

44. Дар бахши хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ (инчунин шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи вилоят, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) самтҳои афзалиятноки буҷет барои соли ҷорӣ ва ду соли минбаъдаи молиявии ба нақша гирифташуда дар муқоиса бо солҳои қаблӣ

таҳлил карда мешавад, масалан, сохтмони иншооти муҳими иҷтимоӣ, татбиқи барномаҳои муҳими иҷтимоӣ, маблағгузории саноат ва истеҳсолот.

Вилоятҳо, шаҳрҳо ё ноҳияҳои субвенсионӣ / дотатсионӣ бояд ҳиссаи худро дар даромад ва хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ нишон диҳанд.

45. Бояд қайд намуд, ки дар **соҳаи иҷтимоӣ** афзалияти муҳим татбиқи ҳадафҳое мебошанд, ки қаблан қабул шудаанд ва барои баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандон равона шудаанд.

46. Аз ин рӯ, дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ тавсия дода мешавад, ки диққати махсус ба он самтҳое равона шавад, ки давомнокии ҳаёти солими аҳолиро баланд мебардоранд, дастгирии иҷтимоии беҳтаршавӣ ва офиятбахшии маъюбон ва рӯҳан афсурдагонро таъмин намуда, барои таҳсилоти хушсифати тамоми одамон, аз ҷумла маъюбон шароити зарурӣ фароҳам меоварад. Аммо, ҳангоми муайян намудани ҳаҷми хароҷоти буҷет (ҳам дар соҳаи иҷтимоӣ ва ҳам дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт) набояд фаромӯш кард, ки афзалиятҳои буҷетии соҳаҳо барои ҳар як марҳилаи буҷетӣ барои давраи мушаххаси вақт муайян карда шудаанд, аз ин лиҳоз баъзеи онҳо ҳамчун намуна пешниҳод мешаванд.

47. Дар **соҳаи тандурустӣ** бештар ба чунин хароҷотҳо масалан, хароҷот барои таъмини кафолатҳои кӯмаки ройгони тиббӣ, сохтмон ва барқарорсозии иншоотҳои тиббӣ, инчунин хариди дастгоҳҳои тиббӣ ва доруворӣ диққати махсус дода мешавад.

48. Дар **соҳаи маориф**, маълумот дар бораи хароҷоти буҷет барои сохтмон ва таҷдиди шаклҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ, ба монанди кӯдакистонҳо, мактабҳо, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, тарбияи мутахассисони дорои маълумоти олӣ, таълиму тарбияи томактабӣ, таъмини дастгирии иҷтимоии донишҷӯён дар доираи фармоиши давлатии таълимӣ.

49. Дар соҳаи **ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба** ғайр аз маълумот дар бораи хароҷоти маблағҳои буҷетӣ барои дастгирии иҷтимоӣ (бинобар беморӣ, маъюбӣ, пиронсолӣ, аз даст додани саробон, бекорӣ, инчунин пардохтҳои ҳармоҳаи пулӣ ба категорияи алоҳидаи шаҳрвандон) инчунин тавсия дода мешавад, ки масалан, дар бораи барномаҳо ва лоиҳаҳое, ки ба ташкили системаи нигоҳубини дарозмуддати пиронсолон ва маъюбон тавассути пешниҳоди хидматҳои мутавозини иҷтимоӣ ва хизматрасонии тиббӣ дар хона, дар ҳолати қисман дар беморхона ва дар беморхона будан бо иштироки парасторон ва ҳамшираҳои шафқат пешбинӣ карда шаванд.

50. **Дар соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ самт**ҳои афзалиятноки хароҷоти маблағҳои буҷетиро, ки дар ин соҳаҳо барои чорабиниҳои мушаххас дар соли ҷорӣ ва ду соли минбаъдаи молиявӣ пешбинӣ гардидаанд, нишон додан зарур аст.

51. Маълумот дар бораи хароҷоти буҷет барои лоиҳаҳо ва барномаҳои дар **соҳаи таъмини об** нигаронида шуда, ки ба баланд бардоштани сифати оби нӯшокӣ барои аҳолӣ, аз ҷумла барои сокинони нуқтаҳои аҳолинишини дорои системаҳои муосири мутамаркази обтаъминкунӣ , пешбинӣ карда шавад.

52. Инчунин дар бораи хароҷоти буҷет барои таъминоти **инфрасохтори энергетикӣ ва нақлиётӣ,** хоҷагии манзилию коммуналӣ барои ҳар як сохтори маъмурию ҳудудӣ дар алоҳидагӣ иттилоъ дода шавад. Маълумот дар бораи трансфертҳои ҷудошуда бо назардошти тақсимоти ҳудудӣ ва самтҳои калидии он дар соли молиявӣ ва ду соли минбаъдаи он бо дарназардошти динамикаи тағирёбии онҳо нисбат ба солҳои гузашта таҳлил карда мшавад.

## §3. Маълумотҳо аз ҳисобот оид ба иҷроиши буҷет

53. Қисми мазкур маълумотҳои мушаххасро оид ба иҷрои ҳадафҳо ва вазифаҳои мушаххас, бо дарназардошти иҷрои натиҷаҳои муҳимтарини дар барномаҳои буҷетӣ пешбинӣ гардида, дар бар мегирад. Ҳангоми навиштани ин бахш, ҳамаи нишондиҳандаҳои дар қисматҳои қаблӣ номбаршударо ба назар гирифта, маълумот дар бораи даромадҳо ва хароҷоти буҷет ва натиҷаҳои воқеан ба даст омадаро муқоиса карда, сабабҳои иҷро накардани онҳо, агар вуҷуд дошта бошад, тавсиф карда мешавад. Илова бар ин, шарҳи мухтасари натиҷаҳои ба даст омада дар доираи барномаҳои буҷетӣ, ки ба татбиқи як қатор фаъолиятҳо дар доираи барномаҳои рушди ноҳияҳо ё шаҳр нигаронида шудаанд, оварда мешавад.

54. **Пешниҳоди маълумот дар бораи натиҷаҳои ба даст овардаи барномаҳои гуногун муҳим арзёбӣ мегардад, зеро онҳо бояд аз нуқтаи назари манфиатҳои шаҳрвандон пешниҳод карда шаванд, на аз ниҳодҳои давлатӣ**. Ҳангоми тавсиф кардани натиҷаи бевоситаи барномаҳои буҷетӣ (нишондиҳандаи ҳисобшаванда, ки бояд фавран аз ҳисоби истифодаи маблағҳои буҷетӣ ба даст оварда шавад), масалан, дар бораи “шумораи лабораторияҳои сайёри мобилӣ, афзоиши роҳҳои асфалтпуш, шумораи кормандони соҳаи тиб, ки аз курсҳои таёрӣ гузаштаанд, ҳиссаи заноне, ки ба фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна машғул мебошанд ва ғайра маълумот додан зарур аст.

55. Барои тавсиф кардани натиҷаи ниҳоии барномаҳои буҷетӣ (микдоран чен кардани сатҳи ноил гардидан ба ҳадафи нақшаи стратегӣ, барномаи рушди минтақа ва / ё барномаи буҷетӣ, ки ба вазъи иҷтимоӣ таъсир мерасонад), масалан, "афзоиши ҳиссаи таъминшавии аҳолӣ бо лабораторияҳои сайёр, кам кардани садамаҳои нақлиётӣ, кам шудани шумораи беморон, ки такроран ба муассисаҳои тиббӣ муроҷиат мекунанд, баланд бардоштани нақши иқтисодии занҳо дар ҷомеа ва иштироки занони соҳибкор дар барномаҳои давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ ва ғайра.", вобаста ба талаботи шаҳрвандон, тавсияҳои аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои санҷиш дар соли ҳисоботии молиявӣ додашударо, пешниҳод кардан мумкин аст.

56. Ҳангоми таҳлили хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯи соҳаҳо гурӯҳбандиҳои хароҷотии буҷетӣ (вазифавӣ, иқтисодӣ, идоравӣ, барномавӣ

(пас аз тасдиқ ва иҷро дар сатҳи маҳаллӣ. Минтақавӣ)[6] ва гурӯҳбандӣ аз рӯи манбаи маблағгузориро истифода бурдан зарур аст.

### §4. Гаронии сарбории қарзи давлатӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ

57. Дар ин фасл тавсия дода мешавад, ки сатҳи гаронии қарз ба буҷети мақоми ваколатдори давлатӣ ва сохтори қарзро аз рӯи ӯҳдадориҳои қарзӣ ва инчунин касри буҷетҳои маҳаллӣ инъикос намоем. Дар ҳолати бо **каср будани буҷети маҳаллӣ** таҳлили имкониятҳои маблағгузории онро дар ҷараёни иҷроиши буҷет низ нишон додан зарур мебошад.

## Фасли III. Тартиби таҳия ва нашри буҷети шаҳрванд

58. Буҷети шаҳрвандӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ таҳия ва нашр карда мешавад.
Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар **сатҳи ҷумҳуриявӣ** (ва дар сатҳи маълумоти умумии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон) воҳидҳои сохтории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Сарраёсати буҷаи давлатӣ, Сарраёсати сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатӣ, Сарраёсати қарзи давлатӣ ва ҷалби инвеститсияи давлатӣ ва Сарраёсати сиёсати буҷет дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ба шумор мераванд.

59. Мақомоти **ваколатдор дар сатҳи маҳалҳо** Сарраёсати молияи вилояти Суғд, вилояти Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳри Душанбе, инчунин Раёсатҳои молияи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба шумор мераванд.

60. Тавсия дода мешавад, ки буҷети шаҳрвандӣ дар **давоми 30 рӯзи тақвимӣ** пас аз тасдиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар **сомонаии расмии мақомоти ваколатдор** бо забонҳои давлатӣ ва русӣ (нусхаи англисӣ низ афзалиятнок دониста мешавад) **ва инчунин дар ВАО нашр карда шавад**.

61. Дар сурати ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Қонун дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи он қисми даромад ва хароҷоти он ба **андозаи 10 фоиз ё зиёда** аз он нисбат ба нақшаи тасдиқшудаи солона тағйир меёбад, тавсия дода мешавад, ки дар давоми **30 рӯзи тақвимӣ пас аз эътибор пайдо кардани санади мазкур** буҷети шаҳрвандӣ такмил ва бознашр карда шавад.

62. Ҳамаи намунаҳои (версияҳои) буҷети шаҳрвандӣ, ки ҳар сол интишор карда мешавад, бояд ба шаҳрвандон дар сомонаи расмии мақомоти ваколатдор дар дилхоҳ вақт дастрас бошад, ҳатто агар маълумоти дар Буҷети шаҳрвандӣ ҷойдошта барои онҳо начандон муфид бошад.

63. Дар ҳолати мавҷуд набудани сомонаи расмии мақомоти ваколатдор дар сатҳи маҳаллӣ, буҷети шаҳрвандӣ дар васоити ахбори омма ва ё дар

[6] Закон Республики Таджикистан от 09.06.2011 г. №178 (ред. от 17.05.2018 г.) «О государственных финансах Республики Таджикистан» // ГИУП КОНУНИЯТ.

сомонаҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо бо мақсади огоҳ намудани аҳолӣ нашр карда мешаванд.

64. Нашр намудан дар шакли коғазии китобча ё буклет, интишор ва паҳнкунии видео-роликҳо оид ба Буҷаи шаҳрвандӣ бо дарназардошти мавҷуд будани манбаи маблағгузорӣ амалӣ карда мешавад.

65. Мӯҳтавои буҷети шаҳрвандӣ бояд мухтасар, фаҳмо ва аз ҷониби шаҳрвандон зуд даркшаванда бошад, ҳангоми интишори он, барои таъмини дастрасии иттилоот, воситаҳои гуногуни аёнии маълумот бояд истифода шаванд (масалан, графика, инфографика, диаграмма, ҷадвал, матритса, харита ва картограмма, рақамҳо бо назардошти маълумотҳои тавзеҳӣ).

66. Дар ҳолати зарурӣ, қисматҳои таркибии буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо метавонанд бо иттилооти дахлдори хоси вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои он илова карда шаванд (масалан, нишондиҳандаҳои бозори меҳнат ба монанди бекорӣ, пардохтҳои иловагии ҳавасмандкунӣ дар соҳаи маориф, кӯмаки иҷтимоӣ ба аҳолӣ, андозаи трансфертҳои байнибуҷетӣ, ба монанди дотатсия, субсидия ва субвенсия, инчунин сифат ва саривақтии расондани ёрии тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва ғайра).

67. Дар Буҷетҳои шаҳрвандӣ ба сомонаҳои расмӣ ва ё дигар манбаъҳои дорои маълумоти муфассал (силкаҳо) пайвандҳо дода мешавад. Илова бар ин, бояд рақамҳои тамос барои шаҳрвандоне, ки ба маълумоти бештар дар бораи буҷет ҳавасманданд, нишон дода шаванд. Маълумот барои тамос-маълумот оид ба ҷойгиршавӣ, рақамҳои тамос ва реҷаи кории мақоми ваколатдори давлатиро дар бар мегирад.

68. Дар ҷараёни таҳияи буҷети шаҳрвандӣ ба мақомотҳои ваколатдори давлатӣ тавсия дода мешавад, ки муҳокимаҳои ҷамъиятиро дар мавзӯъҳои сохтор ва пешниҳоди буҷети шаҳрвандӣ, аз ҷумла дар шаклҳои ҷаласаҳои гурӯҳҳои корӣ ва пурсишҳо, ташкил намоянд.

69. Тавсия дода мешаванд, ки на дертар аз як моҳ пеш аз интишори расмии буҷети шаҳрвандӣ, пурсишҳо оид ба муайян кардани маълумоти афзалиятнок барои шаҳрвандоне, ки дар Буҷети шаҳрвандӣ пешбинӣ шудааст, гузаронида шавад.

70. Пурсишномаҳо вобаста ба дастрас намудани андешаҳои шаҳрвандон оид ба муфид будан ва вобаста ба сохтори омодашудаи буҷети шаҳрвандӣ, ки барои муайян кардани дараҷаи кофӣ будани он таҳрезӣ гардидааст, бояд якҷоя ҳангоми нашр намудани буҷети шаҳрвандӣ амалӣ карда шаванд.

71. Натиҷаҳои ин пурсишҳо дар сомонаҳои расмии мақомотҳои ваколатдори давлатӣ ва дар васоити ахбори омма пас аз як моҳи интишори расмии Буҷети шаҳрвандӣ нашр карда шаванд, инчунин онҳо таҳлил карда шуда ва ҳангоми таҳияи буҷети шаҳрвандӣ барои соли минбаъда бояд ба назар гирифта шаванд.

## Фасли IV. Ташкили мониторинг ва таҷрибаҳои пешрафтаи паҳн намудани буҷети шаҳрвандӣ

72. Бо дархости Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ваколатдори давлатӣ масъул мебошанд, ки маълумотро оид ба рафти корҳо вобаста ба буҷети шаҳрвандӣ, инчунин маълумот дар бораи стратегияи ҳамкорӣ бо шаҳрвандон ва дигар ташкилотҳоро оид ба банақшагирӣ ва иҷрои буҷет (дар шакли нақшаи корӣ ва иҷрои воқеии он) пешниҳод намоянд.

73. Маълумоти пешниҳодшуда барои таҳлил, омӯзиш ва тадқиқотҳо бораи дастрас ва шаффоф будани буҷетҳои маҳаллӣ, инчунин тартиб додани ҳисоботҳои таҳлилӣ истифода бурда мешаванд.

74. Ба мақомотҳои ваколатдори давлатӣ тавсия дода мешаванд, ки таҷрибаи пешқадамро, ки дар ҳисоботҳо, мақолаҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи шаффофиятнокӣ ва паҳлӯҳои инноватсионӣ барои ҳарчӣ хубтар дастрас намудани буҷети аҳолӣ равона гардидаанд, инчунин усулҳои ташкили ҳамкориҳои стратегӣ ва ташкили чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани огоҳии шаҳрвандонро дар ҷараёни банақшагирӣ ва иҷрои буҷет истифода намоянд.

75. Таҳия намудани буҷети шаҳрвандӣ дар сатҳи вазоратҳои соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тавсия дода мешавад, вақте ки ҳар як вазорат дар соҳаи худ буҷети шаҳрвандиро таҳия менамояд ва маълумоти дастраси тасдиқшударо дохил менамояд, иттилооти тасдиққунандаи муҳокимаи ҷамъиятӣ аз рӯи дархостҳои нави буҷетӣ барои маблағгузорӣ пешбинишуда дар назар дошта мешавад.